## ДАЪВАТНОМАИ ИМТИҲОНРО ЧӢ ТАВР БОЯД ДАСТРАС КАРД?

Барои иштирок дар ИМД ба довталабон даъватнома фиристода мешавад.

Даъватнома ҳуҷҷатест, ки баъди бақайдгирӣ барои даромадани довталаб ба маркази имтиҳон ҳамчун иҷозатнома хизмат мекунад (ба расмҳои 13.1-13.4 нигаред).

Даъватнома шахсан ба довталаб ва ё наздикони ӯ бо пешниҳод намудани варақаи бақайдгирӣ ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ба воситаи бахшҳои минтақавии Марказ, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ расонида мешавад. Нусхаи электронии даъватнома дар кабинети инфиродии довталаб низ ҷойгир карда мешавад.

Дар ҳолати дастрас нагардидани даъватнома ва ё гум шудани он довталаб нусхаи электронии даъватномаашро (баъди нашри он дар кабинети инфиродӣ) метавонад сабт ва чоп кунад ё бевосита ба яке аз бахшҳои минтақавии Марказ муроҷиат намояд. Барои ворид гаштан ба маркази имтиҳон довталаб бояд бо худ даъватнома ва шиноснома (ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият) дошта бошад.

> **!**
>
> **ДИҚҚАТ!**
>
> **Довталаб бояд бо даъватнома ва шиносномааш ба маркази имтиҳон аз рӯйи ҷадвали имтиҳонҳо дар рӯзи муайяншуда 1 соату 30 дақиқа пеш аз оғози имтиҳон ҳозир шавад.**



Маркази миллии тестии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ – 2015

ДАЪВАТНОМА
№ <XXXXXX>

Расм
(3 x 4 см)

<Насаб>
<Ном>
<Номи падар>

1 4321013654321 0

*<рақами ҳуҷҷат>*

**Рақами назоратӣ:** *<XXXXXXXXXXXX>*

**Расми 13.1.** Пеши даъватнома

**ҶАДВАЛИ БАРГУЗОРИИ ИМТИҲОНҲО** *<Рақами даъватнома>*

| Имтиҳон | Макон | Замон | Қайд |
|---|---|---|---|
| *Қисми А* | *Маркази имтиҳони № <XX> (нишонии пурра)* | *<Сана>, <соат>* | |
| *Қисми Б* | *Маркази имтиҳони № <YY> (нишонии пурра)* | *<Сана>, <соат>* | |

**Ёддошт:** *ҳозир шудан ба макони имтиҳонсупорӣ* ***1 соату 30 дақиқа пеш*** *аз огози имтиҳонҳо ва бо худ доштани* ***шиноснома*** *ва* ***ду ручкаи*** *одии рангаш сиёҳро фаромӯш накунед!*

**Расми 13.2.** Паси даъватнома (вобаста ба имтиҳонҳои қисми А ва Б)

**ҶАДВАЛИ БАРГУЗОРИИ ИМТИҲОНҲО** *<Рақами даъватнома>*

| Имтиҳон | Макон | Замон | Қайд |
|---|---|---|---|
| *Эҷодӣ ва маҳорат* | *<Муассисаи таълимӣ> (нишонии пурра)* | *<Сана>, <соат>* | |
| *Қисми А* | *Маркази имтиҳони № <XX> (нишонии пурра)* | *<Сана>, <соат>* | |

**Ёддошт:** *ҳозир шудан ба макони имтиҳонсупорӣ* ***1 соату 30 дақиқа пеш*** *аз огози имтиҳонҳо ва бо худ доштани* ***шиноснома*** *ва* ***ду ручкаи*** *одии рангаш сиёҳро фаромӯш накунед!*

**Расми 13.3.** Паси даъватнома (вобаста ба имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ва қисми А)

**ҶАДВАЛИ БАРГУЗОРИИ ИМТИҲОНҲО** *<Рақами даъватнома>*

| Имтиҳон | Макон | Замон | Қайд |
|---|---|---|---|
| *Эҷодӣ ва маҳорат* | *<Муассисаи таълимӣ> (нишонии пурра)* | *<Сана>, <соат>* | |
| *Қисми А* | *Маркази имтиҳони № <XX> (нишонии пурра)* | *<Сана>, <соат>* | |
| *Қисми Б* | *Маркази имтиҳони № <XX> (нишонии пурра)* | *<Сана>, <соат>* | |

**Ёддошт:** *ҳозир шудан ба макони имтиҳонсупорӣ* ***1 соату 30 дақиқа пеш*** *аз оғози имтиҳонҳо ва бо худ доштани* ***шиноснома*** *ва* ***ду ручкаи одии рангаш сиёҳро*** *фаромӯш накунед!*

**Расми 13.4.** Паси даъватнома (вобаста ба имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат ва қисмҳои А ва Б)